ҚАРОРДОДИ ДАВЛАТӢ № 520865 от 11.07.2024 ОИД БА ИҶРОИ КОР БАРОИ ЭҲТИЁҶОТИ ДАВЛАТӢ

Кумитаи Андози назди ҲҶТ (минбаъд Ташкилоти харидор) ва аз тарафи дигар ҶДММ "МЕГА ТЕХНИКА ИНШООТ" (минбаъд Пудратчӣ), ки дар маҷмӯъ “Тарафҳо” номида мешаванд, бо риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ”, қарордоди мазкурро дар хусуси зерин ба имзо расониданд:

1 МАВЗӮИ ҚАРОРДОД

1.1 Мутобиқи шартҳои қарордоди мазкур, Пудратчӣ уҳдадор аст, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти Ташкилоти харидор Кори зеринро Барои идомаи корхои сохтмонию васлкунии "Бинои нави маъмурии Нозироти андоз дар нохияи Шохмансури шахри Душанбе" дар ҳаҷм ва нархи муайянгардидаи Харҷнома тибқи Замимаи №1, ки қисми ҷудонашавандаи қарордоди мазкур мебошад, анҷом диҳад ва Ташкилоти харидор уҳдадор аст, ки Корро бо тартибе, ки тибқи қарордоди мазкур муайян карда шудааст, қабул ва пардохт намояд. Рамзи мушаххаси харид 423041

1.2 Пудратчӣ кафолат медиҳад, ки зимни иҷрои Кор моли таҳвилшаванда ба гарав гузошта нашудааст, мавриди ҳабс қарор надорад ва шахсони сеюм ба он ҳуқуқ надоранд, нав бошад (молҳое, ки истифода нашудаанд, таъмир, аз ҷумла бо роҳи барқарорсозӣ, иваз кардани ҷузъҳо, барқароркунии хосиятҳои истеъмолӣ, карда нашудаанд) ва нуқсонҳои марбут ба сохт, мавод ё кор ҳангоми истифодаи онҳо дар шароити муқаррарӣ дошта набошад.

1.3 Пудратчӣ кафолат медиҳад, ки зимни иҷрои Кор сифати маҳсулоти сохтмонии истифодашаванда ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

2 НАРХИ ҚАРОРДОД

2.1 Нархи умумии қарордод {contract_sum} сомониро ташкил медиҳад.

2.2 Нархи умумии қарордод инҳоро дар бар мегирад: Нархи тахвил бояд хамаи харочотхо, аз чумла харочоти пардохти андозхо ва пардохтхо ба бучет, бор фарори дигар харочотхо ва ухдадорихои молиявии иловаги Фармоишгар гирифта нашавад.

3 МУҲЛАТИ ИҶРОИ КОР

3.1 Иҷрои Кор тибқи муҳлат ва шартҳои зерин анҷом дода мешавад: то 29.04.2025 сол

4 МАҲАЛИ ИҶРОИ КОР

4.1 Маҳали иҷрои Кор: Душанбе, Шоҳмансур, кучаи Валаматзода

5 ПАРДОХТ

5.1 Пардохт тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби Пудратчӣ, ки дар қарордоди мазкур нишон дода шудааст, тибқи шарт ва муҳлатҳои зерин анҷом дода мешавад: Пешпардохт 20% дар шакли ғайринақдӣ ба суратҳисоби бонкии молрасон дар давоми 10 рӯзи бонки аз лаҳзаи имзои шартнома анҷом дода мешавад. Пардохти бақияи маблағи шартнома мутаносибан ба ҳаҷми таҳвили воқеӣ баъд аз қабули кор пардохт мешавад.

5.2 Андозаи пешпардохт ташкил медиҳад: 20

6 ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

6.1 Пудратчӣ уҳдадораст:

6.1.1 Корро дар ҳаҷми пешбинишуда дар муҳлати тибқи банди 3.1 қарордоди мазкур муқарраршуда анҷом диҳад.

6.1.2 Мутобиқати Кори иҷрошударо ба сифат ва талаботи тавсифоти техникӣ таъмин намояд.

6.1.3 Дархости Ташкилоти харидорро дар хусуси огоҳсозии он ҷиҳати омодагии Пудратчӣ ба оғози Кор қонеъ намояд.

6.1.4 Эътирози Ташкилоти харидорро нисбати ҳаҷм, сифат ва хусусиятҳои дигари Кор баррасӣ намуда, дар асоси дастури Ташкилоти харидор нуқсонҳои ошкоргардидаи Кор ё қисми онро аз ҳисоби худ дар муҳлати аз ҷониби Ташкилоти харидор муқарраршуда бартараф намояд.

6.1.5 Мутобиқи дархост Ташкилоти харидорро оид ба рафти иҷрои уҳдадориҳои худ аз рӯи қарордоди мазкур ва мушкилоту монеаҳои ҷойдошта огоҳ намуда, намояндагони ваколатдори Ташкилоти харидорро ба иншооти сохташаванда ва иншооти худ, ки ба иҷрои уҳдадориҳои қарордоди мазкур алоқаманданд, бидуни дахолати Ташкилоти харидор ба фаъолияти хоҷагидорӣ, роҳ диҳад.

6.1.6 Дар мавриди зарурат ва мутобиқи дархост ба Ташкилоти харидор ҳуҷҷатҳо ва маълумоти пурра оид ба Кор, моли таҳвилшаванда ва маҳсулоти сохтмонии истифодашаванда пешниҳод менамояд.

6.1.7 Андозҳо ва пардохтҳои дигари ҳатмиро, ки аз иҷрои қарордоди мазкур бармеоянд, саривақт пардохт намояд.

6.2 Пудратчӣ ҳуқуқ дорад:

6.2.1 Пардохти Корро мутобиқи шарт ва муҳлатҳои бо бандҳои 5.1 ва 5.2. қарордоди мазкур пешбинишударо аз Ташкилоти харидор талаб намояд.

6.2.2 Аз Ташкилоти харидор талаб намояд, ки Корро бо барасмиятдарории санади дахлдор саривақт қабул намояд.

6.2.3 Дар мавриди поймол гардидани ҳуқуқҳои пешбининамудаи бандҳои 6.2.1 ва 6.2.2 қарордоди мазкур ба мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатӣ муроҷиат намояд.

6.3 Ташкилоти харидор уҳдадораст:

6.3.1 Пудратчиро мутобиқи дархост ҷиҳати омодагӣ ба оғози Кор огоҳ намуда, барои ба истифодаи Пудратчӣ додани биною иншоот ва шабакаҳои муҳандисӣ, ки барои иҷрои Кор заруранду додани онҳо ба Пудратчӣ тибқи тартиби муқаррашуда уҳдадории Ташкилоти харидор мебошад, шароити зарурӣ фароҳам оварад.

6.3.2 Барои қабули Кор тибқи тартиби муқарраршуда комиссияи дахлдор ташкил карда, дар ҳолати надоштани эътироз нисбати ҳаҷм, сифат ва хусусиятҳои дигари Кор, қабули Корро бо ба

расмият даровардани санади дахлдор саривақт анҷом диҳад.

6.3.3 Арзиши Корро, ки мутобиқи банди 2.1 муқаррар карда шудааст, бо дарназардошти бандҳои 5.1., 5.2. ва 6.3.2 қарордоди мазкур пардохт намояд.

6.3.4 Ҳангоми анҷом додани назорат ва санҷиши ҷараёни иҷрои кор ошкор намудани ҳолатҳои риоя накардани шарти қарордоди мазкур, ки метавонад боиси паст шудани сифати кор гардад ё дигар камбудиҳо, вазифадор аст фавран пудратчиро огоҳ созад.

6.3.5 Назорати рафти иҷрои қарордодро таъмин намуда, дар ҳолати аз ҷониби Пудратчӣ ба таври матлуб иҷро нагардидани уҳдадориҳое, ки мутобиқи қарордоди мазкур вогузор карда шудааст, мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатиро хабардор намояд.

6.4 Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад:

6.4.1 Аз Пудратчӣ иҷрои матлуби уҳдадориҳоеро, ки мутобиқи қарордоди мазкур вогузор карда шудааст, талаб намояд.

6.4.2 Назорат ва санҷиши ҷараёни кор ва сифати он, риояи мӯҳлати иҷро (нақша) ва сифати маҳсулоти фароҳамовардаи пудратчиро анҷом диҳад, вале дар айни замон ба фаъолияти хоҷагидории Пудратчӣ дахолат накунад.

6.4.3 Қабули Корро дар мавриди доштани эътироз нисбати ҳаҷм, сифат ва хусусиятҳои дигари Кор рад намояд.

6.4.4 Дар ҳолати аз ҷониби Пудратчӣ ба таври матлуб иҷро нагардидани уҳдадориҳое, ки мутобиқи қарордоди мазкур вогузор карда шудааст, нисбаташ чораҳои пешбининамудаи банди 10.4 қарордоди мазкурро татбиқ намояд.

7 ҶАЛБИ ЗЕРПУДРАТЧИЁН

7.1 Пудратчӣ метавонад танҳо бо розигии хаттии Ташкилоти харидор ва дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатӣ зерпудратчиро (зерпудратчиёнро) барои иҷрои қисми Кори бо қарордоди мазкур пешбинишуда ҷалб намояд.

7.2 Ташкилоти харидор барои ҷалби зерпудратчӣ (зерпудратчиён) ба мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатӣ лоиҳаи шартномаи зерпудратиро барои мувофиқа пешниҳод менамояд.

7.3 Пудратчӣ дар назди зерпудратчӣ барои аз ҷониби Ташкилоти харидор иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои худ оид ба қарордоди мазкур ва дар назди Ташкилоти харидор барои оқибатҳои аз ҷониби зерпудратчӣ иҷро накардан ё номатлуб иҷро намудани уҳдадориҳои худ масъулият дорад.

7.4 Дар мавриди ҷалби зерпудратчиён, Ташкилоти харидор ва Пудратчӣ ба Портали хариди давлатии элекронӣ иттилоот ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ, аз ҷумла шартномаи зерпудратиро ворид менамоянд.

8 ИҶРОИ КОРҲОИ ИЛОВАГӢ

8.1 Пудратчие, ки дар ҷараёни иҷрои Кор корҳои дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ зикрнагардида ва вобаста ба ин зарурати корҳои иловагӣ ва зиёд кардани арзиши

харҷномавиро ошкор менамояд, бояд дар ин хусус ба Ташкилоти харидор маълумот диҳад.

8.2 Дар сурати аз Ташкилоти харидор нагирифтани ҷавоб ба маълумоти ирсолгардида, Пудратчӣ вазифадор аст корҳои дахлдорро боздошта, дастури Ташкилоти харидорро интизор гардад.

8.3 Пудратчие, ки уҳдадориҳои муқаррарнамудаи банди 8.1 қарордоди мазкурро иҷро накардааст, аз ҳуқуқи аз Ташкилоти харидор талаб кардани пардохти корҳои иловагии анҷомдодашуда маҳрум мегардад.

8.4 Барои анҷом додани корҳои иловагӣ Ташкилоти харидор ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қарордоди мазкур бо мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатӣ мувофиқа менамояд.

9 СУПУРДАН ВА ҚАБУЛИ КОР

9.1 Ташкилоти харидор, ки иттилооти Пудратчиро дар мавриди омодагӣ барои супурдани кори тибқи қарордоди мазкур анҷомдодашуда ё марҳилаи кори дар давраи тибқи қарордод пешбинигардида гирифтааст, вазифадор аст фавран ба қабули он шурӯъ намояд.

9.2 Аз ҷониби Пудратчӣ супурдани кор ва қабули он аз ҷониби Ташкилоти харидор бо санаде, ки ҳар ду Тараф имзо намудаанд, ба расмият дароварда мешавад. Дар сурати аз имзои санад саркашӣ намудани яке аз Тарафҳо, дар ин хусус дар санад сабт гардида, он аз ҷониби Тарафи дигар имзо карда мешавад.

9.3 Пудратчӣ уҳдадор аст камбудиҳои содиркарда (норасоиҳо ва камукостҳо)-ро дар давоми муҳлати муайянкардаи санади қабул ва супоридани кор аз ҳисоби худ бартараф намояд.

10 МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

10.1 Масъулият барои бехатар анҷом додани корҳо ба зиммаи Пудратчӣ гузошта мешавад.

10.2 Таваккали тасодуфан несту нобуд гардидан ё тасодуфан осеб дидани иншоот, ки мавзӯи қарордоди мазкурро ташкил медиҳад, то лаҳзаи аз ҷониби Ташкилоти харидор қабул гардидани ин иншоот ба зиммаи Пудратчӣ мебошад.

10.3 Пудратчӣ барои риоя накардани талаботи пешбининамудаи қарордоди мазкур, тавсифоти техникӣ, меъёр ва қоидаҳои сохтмонии барои ҳар ду Тараф ҳатмӣ дар назди Ташкилоти харидор ҷавобгар мебошад.

10.4 Пудратчӣ ва зерпудратчиён барои иҷро нагардидан ё ба таври матлуб иҷро нагардидани уҳдадориҳои қарордоди мазкур ба Ташкилоти харидор барои ҳар рӯзи ба таъхир гузоштани муҳлати иҷрои уҳдадориҳои дахлдори қарордод ҷарима ба андозаи 0,01 фоиз аз арзиши уҳдадориҳои иҷронагардида месупоранд.

10.5 Пардохти ҷарима Пудратчӣ ва зерпудратчиёнро аз иҷрои уҳдадориҳои қарордод озод наменамояд.

10.6 Пудратчӣ ва зерпудратчиён аз пардохти ҷарима озод карда мешаванд, агар исбот кунад, ки иҷро нагардидан ё ба таври матлуб иҷро нагардидани уҳдадориҳои қарордоди мазкур бинобар ҳолатҳои фавқулодда ё ногувор (қувваи рафънопазир) ба миён омадааст. Ба чунин

ҳолатҳо, аз ҷумла вайрон кардани уҳдадорӣ аз тарафи контрагентҳои Пудратчӣ ё зерпудратчиён, дар бозор мавҷуд набудани молҳои (масолеҳи сохтмонии) барои иҷрои қарордоди мазкур зарурӣ ва дар ихтиёри Пудратчӣ ё зерпудратчиён надоштани маблағ ё воситаҳои техникии зарурӣ дохил намешаванд.

10.7 Масъулияти Тарафҳо дар ҳолатҳои дигар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

11 ТАРТИБИ ТАНЗИМИ БАҲСҲО

11.1 Ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳсҳо ва ихтилофи назар оид ба иҷрои қарордоди мазкур, Тарафе, ки эътирози Тарафи дигарро қабул намудааст, вазифадор аст онро баррасӣ намуда, ҷавобро дар давоми понздаҳ рӯзи баъди пешниҳоди эътироз дар шакли хаттӣ ирсол намояд.

11.2 Ҳангоми рад намудани эътироз ё дар давоми муҳлати пешбининамудаи банди 11.1 қарордоди мазкур пешниҳод накардани ҷавоб, Тарафи манфиатдор ҳуқуқ дорад ба суд мурочиат намояд.

12 АМАЛ, ТАҒЙИР ВА БЕКОР КАРДАНИ ҚАРОРДОД

12.1 Қарордоди мазкур аз рӯзи баимзорасии он аз ҷониби Тарафҳо мавриди амал қарор дода мешавад.

12.2 Қарордоди мазкур то 31.12.2024 амал мекунад.

12.3 Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарордоди мазкур, аз ҷумла тамдиди муҳлати амал, метавонад дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ амалӣ карда шавад.

12.4 Баъди аз ҷониби Тарафҳо имзо намудани қарордоди мазкур ба он ворид намудани дигар шартҳо манъ аст, агар онҳо боиси тағйири мӯҳтавои дархости тендерӣ гарданд.

12.5 Тағйиру иловаҳои ба қарордоди мазкур вориднамудаи Тарафҳо, ки хилофи муқаррароти банди 12.3 қарордоди мазкур мазкур мебошанд, беэътибор дониста мешаванд.

12.6 Мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ метавонад нисбат ба тағйиру иловаҳои ба қарордоди мазкур аз ҷониби Тарафҳо воридгардида тибқи тартиби судӣ даъво пешниҳод намояд.

12.7 Ташкилоти харидор дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ ҳуқуқ дорад ҳангоми тағйирёбии ҷиддии ҳолатҳо, ки Тарафҳо зимни бастани қарордоди мазкур дар назар доштанд ва тағйироте, ки пешбиниашон дар лаҳзаи бастани қарордоди мазкур имконнопазир буд ва ҳамзамон агар иҷрои қарордоди мазкур метавонад хилофи манфиатҳои давлат бошад, бо тартиби яктарафа қарордоди мазкурро бекор кунад.

12.8 Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад қарордоди мазкурро дар давоми як моҳи фарорасии ҳолатҳои пешбининамудаи банди 12.6 қарордоди мазкур, ки ба ӯ маълум гардидааст, бекор намояд.

12.9 Агар қарордоди мазкур тибқи ҳолатҳои пешбининамудаи банди 12.6 қарордоди мазкур бекор карда шавад, барқарор намудани ҳуқуқҳои тарафҳо аз рӯи принсипи барқароркунии (реститутсияи) дутарафа ва ҷуброни зиёни расонидашуда анҷом дода мешавад.

13 ШАРТҲОИ ДИГАР

13.1 Тарафҳо барои пурра ё қисман иҷро нагардидани уҳдадориҳои худ тибқи қарордоди мазкур аз ҷавобгарӣ озод мегарданд, агар пурра ё қисман иҷро нагардидани уҳдадориҳо натиҷаи амали қувваи рафънопазир, ба монанди ҷанг, амалиёти ҷангӣ, ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ, манъи ҳаракат (блокада), гирдиҳамоӣ, санадҳои мақомоти давлатӣ буда, ин ҳолатҳо бевосита ба иҷрои уҳдадориҳо таъсир расониданд.

13.2 Масъалаҳои дигари дар қарордоди мазкур дарҷнагардида мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегарданд.

14 ЗАМИМАҲО

14.1 Замимаи №1 Харҷнома Замимаи №2 Протоколи арзёбӣ

15 МАҲАЛИ ҶОЙГИРШАВӢ ВА РЕКВИЗИТҲОИ БОНКИИ ТАРАФҲО

Кумитаи Андози назди ҲҶТ	ҶДММ "МЕГА ТЕХНИКА ИНШООТ"
{customer_legal_address}	{supplier_legal_address}
010008783	020049438
Маълумоти бонкии муштарӣ	**Маълумоти бонки таъминкунанда**
{customer_leader}	{supplier_leader}

Замимаи №1

Номи молҳо, корҳо ва хидматҳои харидашуда	Хусусияти иловагӣ	Воҳиди ченкунӣ	Теъдод, ҳаҷм	Нархи як воҳид	Маблағи умумии

ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ДОГОВОР № 520865 от 11.07.2024 О ВЫПОЛНЕНИИ РАБОТЫ НА ПОТРЕБНОСТИ ГОСУДАРСТВА

Налоговый Комитет при ПРТ (далее - Закупающая организация), с одной стороны и ООО "МЕГА ТЕХНИКА ИНШООТ" (далее - Подрядчик), с другой стороны, далее «Стороны”, в соответствии с требованиями Закона Республики Таджикистан «О государственных закупках товаров, работ и услуг», заключили настоящий договор о нижеследующем:

1 ПРЕДМЕТ ДОГОВОРА

1.1 В соответствии с условиями настоящего соглашения, Подрядчик обязуется выполнить следующие работы для удовлетворения потребностей Закупающей организации Продолжение строительно-монтажных работ «Нового административного здания налоговой инспекции района Шохмансур города Душанбе». в размере и цене, указанных в Приложении №1 к настоящему Соглашению, которое является неотъемлемой частью настоящего соглашения, а закупающая организация принять и оплатить в порядке, установленном настоящим соглашением. Номер закупки 423041

1.2 Подрядчик обеспечивает, чтобы при выполнении Работ поставленные товары не были заложены, не подлежали изъятию, были новыми (товары, которые не были использованы, не были отремонтированы, в том числе путем восстановления, замены компонентов, восстановления потребительских свойств) и не имели никаких дефектов, связанных с конструкцией, материалом или работой при их использовании в обычных условиях, а третьи лица не имели на это права.

1.3 Подрядчик гарантирует, что во время выполнения работы качество используемой строительной продукции отвечает требованиям.

2 СТОИМОСТЬ

2.1 Общая стоимость соглашения {contract_sum} сомони.

2.2 Общая стоимость соглашения включает: Цена поставки должна включать все расходы, включая расходы по оплате налогов и платежей в бюджет, разгрузке и прочие расходы, и не налагать на Заказчика никаких дополнительных финансовых обязательств.

3 СРОК ВЫПОЛНЕНИЯ

3.1 Выполнение работы производится в соответствии со следующими сроками и условиями: до 29.04.2025 года

4 МЕСТО РАБОТЫ

4.1 Место работы: Душанбе, Р-н Шохмансур, улица Валаматзаде

5 ОПЛАТА

5.1 Оплата производится в безналичном порядке на расчетный счет подрядчика, указанный в настоящем соглашении, на следующих условиях и сроках: Производится предоплата в размере 20% в безналичной форме на расчетный счет Поставщика в течение 10 банковских дней со дня подписания контракта. Оплата остатка суммы контракта производится пропорционально

объему фактической выполнении работ.

5.2 Размер предоплаты составляет: 20

6 ПРАВА И ОБЯЗАННОСТИ СТОРОН

6.1 Подрядчик обязуется:

6.1.1 Выполнять работы в объеме, предусмотренном в сроки, установленные п. 3.1 настоящего соглашения.

6.1.2 Обеспечить выполнение работы в соответствии с качеством и требованиями технических характеристик.

6.1.3 Удовлетворить запрос закупающей организации и уведомить подрядчика о готовности к началу работы.

6.1.4 Рассмотреть возражения Закупающей организации по объему, качеству и другим характеристикам Работ и устранить выявленные недостатки Работы или их части за свой счет в срок, установленный Закупающей рганизацией в соответствии с указаниями Закупающей организации.

6.1.5 По запросу закупающая организация уведомляет о ходе выполнения своих обязательств по настоящему соглашению, существующих трудностях и препятствиях и направляет уполномоченных представителей закупающей организации на строящиеся объекты и свои объекты, связанные с выполнением обязательств по настоящему договору, без вмешательства закупающей организации в хозяйственную деятельность.

6.1.6 По мере необходимости закупающей организации и в соответствии с запросом представляет документы и полную информацию о работе, поставленных товарах и использованной строительной продукции.

6.1.7 Своевременно оплачивать налоги и другие обязательные платежи, вытекающие из исполнения настоящего договора.

6.2 Подрядчик имеет право:

6.2.1 Оплатить работы в соответствии с условиями и сроками, предусмотренными пунктами 5.1 и 5.2. закупающей организации.

6.2.2 Потребовать от Закупающей организации своевременно принять работу после оформления соответствующего документа.

6.2.3 В случае нарушения прав, предусмотренных пунктами 6.2.1 и 6.2.2 настоящего договора, обратиться в уполномоченный орган по государственным закупкам.

6.3 Закупающая организация обязана:

6.3.1 Уведомить Подрядчика по запросу для подготовки к началу Работ и создания необходимых условий для передачи Подрядчику помещений и инженерных сетей, необходимых для выполнения Работ, и их передачи Подрядчику в установленном порядке.

6.3.2 Принять Работу в установленном порядке, сформировать соответствующую комиссию, а при отсутствии возражений по объему, качеству и другим особенностям Работы своевременно принять Работу путем оформления соответствующего документа.

6.3.3 Стоимость работы, установленная в соответствии с пунктом 2.1, с учетом пунктов 5.1., 5.2. и 6.3.2 данного соглашения.

6.3.4 По завершении контроля и инспекции рабочего процесса обязан незамедлительно уведомить подрядчика о случаях несоблюдения условий настоящего договора, которые могут привести к снижению качества работы или другим дефектам.

6.3.5 Обеспечить контроль за исполнением Договора и уведомить Уполномоченную закупающую организацию в случае ненадлежащего исполнения Подрядчиком своих обязательств по настоящему соглашению.

6.4 Закупающая организация имеет право:

6.4.1 Требовать от подрядчика надлежащего исполнения обязанностей, возложенных на него в соответствии с настоящим договором.

6.4.2 Осуществлять контроль и инспекцию рабочего процесса и его качества, соблюдения сроков выполнения (плана) и качества продукции, предоставляемой Подрядчиком, но при этом не препятствовать хозяйственной деятельности Подрядчика.

6.4.3 Отказаться в принятии Работы, если есть возражения по поводу объема, качества и других характеристик Работы.

6.4.4 В случае ненадлежащего исполнения Подрядчиком своих обязательств по настоящему Договору, применить меры, предусмотренные п. 10.4 настоящего Договора.

7 ПРИВЛЕЧЕНИЕ СУБПОДРЯДЧИКОВ

7.1 Подрядчик может привлечь субподрядчиков только по письменному согласию закупающей организации и по согласованию с уполномоченным органом по государственным закупкам, для выполнения части работы, предусмотренной настоящим договором.

7.2 Закупающая организация для привлечения субподрядчика (субподрядчиков) представляет в уполномоченный орган по государственным закупкам проект субподрядного договора на согласование.

7.3 Подрядчик перед субподрядчиком несет ответственность за невыполнение или ненадлежащее исполнение своих обязанностей по данному договору и невыполнение своих обязанностей перед закупающей организацией своих обязательств по поводу последствий неисполнения или ненадлежащего исполнения субподрядчиком своих обязательств.

7.4 В случае привлечения субподрядчиков закупающая организация и подрядчик вносит на портал государственных электоральных закупок необходимую информацию и документы, в том числе субподрядный договор.

8 ВЫПОЛНЕНИЕ ДОПОЛНИТЕЛЬНЫХ РАБОТ

8.1 Подрядчик, обнаруживший в ходе выполнения работ работы не указаны в проектно сметной документации и в связи с этим, необходимость дополнительной работы и увеличения сметных расходов, должен сообщить об этом закупающей организации.

8.2 В случае неполучения от закупающей организации ответа на переданные сведения подрядчик обязан приостановить соответствующие работы и дождаться указания закупающей организации.

8.3 Подрядчик, не выполнившие обязательства установленные пунктом 8.1 настоящего договора, лишается прав требовать от закупающей организации оплаты выполненных дополнительных работ.

8.4 Для осуществления дополнительных работ закупающая организация согласовывает с уполномоченным органом по государственным закупкам изменения и дополнения в настоящий договор.

9 СДАЧА И ПРИЕМ РАБОТЫ

9.1 Закупающая организация, получившая информацию подрядчика о подготовке к сдаче работ выполненных по настоящему договору или получившая период работы, предусмотренный договором, должна немедленно приступить к ее принятию.

9.2 Сдача Подрядчиком работ и приемка их закупающей Организацией оформляется документом, подписанным обеими сторонами. При уклонении одной из Сторон от подписания акта об этом делается отметка в акте и подписывается другой Стороной.

9.3 Подрядчик обязан устранить допущенные недостатки (дефекты и недоделки)-за свой счет в течение срока определенного в акте приемке и сдачи работы.

10 ОТВЕТСТВЕННОСТЬ СТОРОН

10.1 Ответственность за безопасное выполнение работ несет Подрядчик.

10.2 Риск случайного разрушения или случайного повреждения объекта, являющегося предметом настоящего договора, несет Подрядчик до тех пор, пока объект не будет принят Закупающей организацией.

10.3 Подрядчик несет ответственность за несоблюдение требований, предусмотренных настоящим договором, технических характеристик, норм и правил строительства, обязательных для обеих сторон.

10.4 Подрядчик и субподрядчики уплачивают штраф в размере 0,01% от стоимости выполненных обязательств по настоящему договору за невыполнение или ненадлежащее исполнение обязательств по настоящему договору на закупающую Организацию за каждый день просрочки исполнения соответствующих обязательств.

10.5 Оплата штрафа не освобождает подрядчика и субподрядчиков от выполнения обязательств по договору.

10.6 Подрядчик и субподрядчики освобождаются от оплаты штрафа, если докажет что невыполнение или ненадлежащее исполнение обязательств по настоящему договору возникло

из-за чрезвычайных или непредвиденных обстоятельств. К таким обстоятельствам, в том числе нарушение обязанностей со стороны контрагентов или субподрядчиков, отсутствие на рынке необходимых для исполнения настоящего договора товаров (строительных материалов) и отсутствие у подрядчика или субподрядчиков необходимых денежных средств или технических средств.

10.7 Ответственность Сторон в иных случаев определяется в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

11 ПОРЯДОК РЕГУЛИРОВАНИЯ СПОРОВ

11.1 При возникновении споров и разногласий по исполнению настоящего договора, Сторона, принявшая возражения другой стороны, обязана рассмотреть это и отправить ответ в письменной форме в течение пятнадцати дней после представления протеста.

11.2 В случае отказа в принятии протеста или не представления ответа в течение срока, предусмотренного пунктом 11.1 настоящего логовора, заинтересованная Сторона вправе обратиться в суд.

12 ДЕЙСТВИЯ, ИЗМЕНЕНИЯ И РАСТОРЖЕНИЯ ДОГОВОРА

12.1 Настоящее Соглашение вступает в силу с момента его подписания Сторонами.

12.2 Данное соглашение действует до 31.12.2024 .

12.3 Внесение изменений и дополнений в настоящий договор, в том числе продление срока действия, может осуществляться по согласованию с уполномоченным органом по государственным закупкам.

12.4 Запрещается включение в нее других условий после подписания сторонами настоящего Договора, если они влекут за собой изменение содержания тендерной заявки.

12.5 Изменения и дополнения, внесенные сторонами в настоящий Договор, противоречащие положениям пункта 12.3 настоящего договора, считаются недействительными.

12.6 Уполномоченный орган по государственным закупкам может обжаловать в судебном порядке изменения и дополнения, внесенные сторонами в настоящий договор.

12.7 Закупающая организация по согласованию с уполномоченным органом по государственным закупкам вправе в одностороннем порядке расторгнуть настоящий договор при существенных изменениях, предусмотренных сторонами при заключении настоящего Договора, и при этом, если исполнение настоящего договора может противоречить интересам государства.

12.8 Закупающая организация вправе расторгнуть настоящий договор в течение одного месяца со дня наступления обстоятельств, предусмотренных пунктом 12.6 настоящего Договора, которому стало известно.

12.9 При расторжении настоящего договора в случаях, предусмотренных п. 12.6 настоящего договора, права сторон восстанавливаются по принципу взаимного восстановления (реституции) и возмещения убытков.

13 ДРУГИЕ УСЛОВИЯ

13.1 В случае полного или частичного невыполнения обязательств по настоящему договору стороны освобождаются от ответственности, если полное или частичное невыполнение обязательств приводит к действию непреодолимой силы, такой как война, военные действия, чрезвычайные природные обстоятельства, запрет на движение (блокада), митинг, акты государственных органов и эти обстоятельства непосредственно повлияли на выполнение обязательств.

13.2 Иные вопросы не предусмотренные настоящим договором регулируются в соответствии с Гражданским Кодексом Республики Таджикистан.

14 ПРИЛОЖЕНИЕ

14.1 Следующие приложения являются неотъемлемой частью этого соглашения: Приложение №1 Смета Приложение №2 Протокол оценки

15 МЕСТО ПОЛОЖЕНИЕ И БАНКОВСКИЕ РЕКВИЗИТЫ СТОРОН

Налоговый Комитет при ПРТ
{customer_legal_address}
010008783
Банковские реквизиты закупающей организации
{customer_leader}

ООО "МЕГА ТЕХНИКА ИНШООТ"
{supplier_legal_address}
020049438
Банковские реквизиты поставщика
{supplier_leader}

Приложение 1

Наименование приобретенных товаров, работ и услуг	Дополнительная характеристика	Единица измерения	Количество	Цена за ед	Общая сумма